# Роҳбарияти
# ҶСК «Алиф Бонк»

алиф

## Гуланор Атобек
Раиси ҶСК «Алиф Бонк»

Гуланор ба тими Алиф зиёда аз 1,5 сол пеш ҳамроҳ шудааст. Гуланор дар Тоҷикистон, Қазоқистон ва Қирғизистон таҷрибаи 18-солаи аудити ширкатҳои гуногунро дорад, ки дар 13 соли он ширкати Deloitte-ро дар Тоҷикистон роҳбарӣ кардааст. Гуланор дар давоми 12 сол аъзои Шӯрои директорони Палатаи савдои Амрико дар Тоҷикистон (AmCham Тоҷикистон) буд, ки дар чор соли он ҳамчун Раиси Шӯрои директорони AmCham дар Тоҷикистон фаъолият кардааст. Дорои якчанд шаҳодатномаҳои тахассусӣ, аз ҷумла Муҳосиби сертификатсиякардашудаи Институти муҳосибони сертификатсиякардашудаи ИМА (US CPA), аъзои Иттиҳоди муҳосибони сертификатсиякардашуда (FCCA), муҳосиби сертификатсиякардашудаи байналмилалӣ (CIPA) ва дараҷаи магистр дар соҳаи идоракунии тиҷоратии Донишгоҳи амрикоии Осиёи Марказӣ (MBA) мебошад.

## Каримов Д. О.
Муовини Раиси ҶСК «Алиф Бонк»

Дар зиёда аз 7 сол дар Алиф фаъолият менамояд. Ӯ мутахассис дар соҳаи сифати хизматрасонӣ, маркетинг ва фарҳанги корпоративӣ мебошад. Таҷрибаи корӣ ҳамчун дизайнер ва менеҷер оид ба маркетинг дар ширкатҳои хусусиии Тоҷикистон дорад.